Бо Фармоиши Вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 12 » « 02 » соли 2026, № 28
тасдиқ карда шудааст.

# Дастурамали
мансабии мутахассис шуъбаи кор бо сармоягузории хориҷии Раёсати робитаҳои байналмилалии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Номи мансаб – мутахассис шуъбаи кор бо сармоягузории хориҷии Раёсати робитаҳои байналмилалии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.2 Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи 7 мансуб аст.

1.3 Мутахассис шуъбаи кор бо сармоягузории хориҷӣ (минбаъд мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазир) бо риояи талаботи тахассусӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида ба мансаб таъин ва озод карда мешавад.

1.4 Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Раёсат ва муовини сардори Раёсат - сардори шуъба тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

1.5 Дар мавриди зарурӣ мутахассиси шуъба метавонад, мутахассиси пешбари шуъбаро иваз намояд.

1.6 Мутахассис шуъба бо роҳбарони воҳидҳои сохтории вазорат, сохторҳои ҳудудии он, воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ доир ба самти фаъолияти шуъба ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

2.1 Барои ишғолкунандаи мансаби мутахассиси пешбари шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- доштани таҳсилоти олии касбӣ, иқтисодиёти байналмиллалӣ, менеҷменти байналмиллалӣ, муносибатҳои байналмиллалӣ, ихтисосҳои самти иқтисодӣ ва сармоягузории хориҷӣ;
- донистани забони давлатӣ ва забони хориҷӣ;
- -донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;
- малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ;
- дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. Ҳуқуқҳо

3.1 Мутахассис шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва (ё) роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 4.Ӯҳдадориҳои мансабӣ

4.1 Ӯҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъба аз инҳо иборат мебошад:

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдоштаро таҳия менамояд;
- дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;
- муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд;
- бо супориши роҳбари воҳиди сохторӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақоми давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд;
- мутахассиси шуъба аз рӯи тақсимоти бо Ҳукумати Фаронса, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёгии Сармоягузории Инфрасохторӣ ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди роҳи автомобилгарди “Душанбе-Чанак” ба ӯ вобаста шуда, фаъолиятро амалӣ менамояд;
- дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта иштирок менамояд;

- нақшаи кории худро барои ҳар семоҳа ва нимсола таҳия намуда, иҷрои саривақтӣ, босифат ва пурраи онро ташкил ва таъмин менамояд;

- ҳисоботҳои семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона оид ба самти фаъолияти шуъбаро таҳия ва ба сардори шуъба пешниҳод менамояд;

- дар тарғиби хизмати давлатӣ аз тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад;

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар мақомот ва вазоратҳо доир ба самти фаъолияти шуъбаро баррасӣ намуда, хулосаи соҳавиро омода менамояд;

- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ ҷиҳати таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва иҷрои барномаҳои давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавиро тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ мемонад;

- дар ташкили мулоқоту вохӯриҳо ва гуфтушунидҳо бо шарикони рушд ва дигар донорҳо бо мақсади баррасии масъалаи рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории иҷрошудистодаи соҳаи нақлиёт ва ҷалби кӯмаки беруна барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятноки соҳа иштирок карда, аз натиҷаи чунин ҳар як мулоқоту вохӯриҳо ва гуфтушунидҳо протокол тартиб медиҳад;

- тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятноки соҳаро барои ворид намудан ба лоиҳаи Барномаи давлатии сармоягузорӣ ба вазорату идораҳои марбута пешниҳод менамояд;

- мониторинги ҷараёни татбиқи созишномаҳои байналмилалии молиявӣ дар соҳаи кӯмаки беруна ва татбиқи лоиҳаҳоро амалӣ менамояд;

- дар раванди ташкил намудани озмунҳо (тендерҳо)-и сармоягузорӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории соҳавӣ ва комиссияҳои озмунӣ вобаста ба арзёбии натиҷаҳои озмунҳо иштирок менамояд;

- бо марказҳои татбиқи лоиҳаҳои таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамкории бевоситаро ба роҳ мемонад;

- дар ҷаласаҳои шарҳи лоиҳаҳои муштараки татбиқшаванда ва бартараф намудани монеаҳои мавҷудбуда, тренингҳо ва барномаҳои баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон бахши харид иштирок менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар мувофиқа бо мақомотҳои давлатӣ ҷиҳати гузаронидани расмиётҳои дохилидавлатӣ барои тасдиқ/тамдиди созишномаҳои молиявӣ чораандешӣ менамояд;

- вобаста ба тамдиди муҳлати татбиқи лоиҳаҳо тибқи тартиби муқарраргардида чораҷӯӣ менамояд;

- дар раванди таъсиси комиссияҳои корӣ ва давлатии қабули иншоотҳо ва таҷҳизотҳои дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории соҳавӣ сохтаю харидашуда иштирок менамояд;

- ҳамкории бевосита бо ширкатҳои байналмилалии машваратӣ ва пудратӣ доир ба татбиқи лоиҳаҳои соҳавиро ба роҳ мемонад;

- дар ташкил ва гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо ва машваратҳои корӣ бо ширкатҳои байналмилалии машваратӣ ва пудратии лоиҳаҳои соҳавӣ ҷиҳати баррасии рафти иҷрои корҳои лоиҳавӣ иштирок менамояд;

- ба ширкатҳои байналмилалии машваратӣ ва пудратии лоиҳаҳои соҳавӣ ҷиҳати дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтани ширкатҳо ва

инчунин дастрас намудани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бақайдгирии мутахассисони онҳо мусоидат менамояд;

- дигар уҳдадории муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 5. Масъулият

5.1 Мутахассиси шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;
- риоя накардани мавҷудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим”;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;
- барои риоя накардани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2025, №355 “Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва сирри дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молу мулкии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;
- дигар масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

6.1 Дастурамалҳои мансабӣ дар як нусхаи аслӣ тартиб дода мешаванд. Нусхаи аслии дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ нусхаи дастурамалро барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

6.2 Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ барои истифодаи хизматӣ ба нусхаи электронии дастурамалҳо дар системаи идораи ҳуҷҷатҳо дастрасӣ доранд. Дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо ба таври худкор Дар системаи мазкур сабт мегардад.

**Мувофиқа шуд:**

Муовини Сардори Раёсат – сардори
шуъбаи кор бо сармоягузории хориҷӣ ______________Кулобизода З.

Сардори Шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус ___________________Ҳодизода К.

Мудири Бахши ҳуқуқ _________________Латиф М.

**Шинос шуд:**

__________________________ ______________________

Насаб, ном, номи падар имзо